ПРОТОКОЛИ №13
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 20 октябри соли 2026 **ш. Душанбе**

Раиси шуро: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Г.Б.
Котиби илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева Т.М.

Раис: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабр соли 2025 №495/шд. ба ҳайати Шуро ворид шудааст, 14 нафар иштирок дорад, аз инҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд. Оид ба оғоз намудани кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ гуна пешниҳодҳо ҳастанд?

Пешниҳод шуд, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Тарафдор. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Пешниҳод якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМА:

Ҳимояи диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Мансурова Ҷамила Сулаймоновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муқарризони расмӣ:

1. **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

2. **Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар)

Раис: Касе ки ҷонибдори тасдиқи рӯзномаи ҷаласа ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳад. Зид – нест. Бетараф – нест. Бо тарафдории ҳама қабул

шуд. Ҳоло сухан барои пешниҳоди маълумотномаи мухтасар дар бораи унвончӯ ба котиби илмии Шуро, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева Тутиниссо Менгулоевна дода мешавад.

Раис: Ба котиби илмӣ оид ба ҳуҷҷатҳо ва маълумоти мухтасар дар бораи унвонҷӯ савол ҳаст? Савол нест.

Сухан ба унвонҷӯ Мансурзода Н.М. барои муаррифии кори диссертатсионӣ дода мешавад.

Раис: Ташаккур. Марҳамат, кӣ ба унвонҷӯ савол дорад? Марҳамат, профессорон Ҳомидзода Д.Р., Солеҳов М., Гулмадов Ф., Шербоев С., Негматов С.Э.

Унвонҷӯ: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Сухан ба роҳбари илмӣ – Мансурова Ҷамила Сулаймоновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. дода мешавад.

Раис: Сухан ба котиби илмии шурои диссератсионӣ барои қироати тақризи муассисаи тақриздиҳанда ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда дода мешавад.

Раис: Барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат сухан ба унвонҷӯ дода мешавад.

Унвонҷӯ: баромад мекунад.

Раис: Ба муҳокимаи кори диссертатсионии Мансурзода Н.М. шурӯъ мекунем. Бо иҷозати шумо, суханро ба муқарризи расмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ дода мешавад.

Раис: Ташаккур. Барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи якуми расмӣ сухан ба унвонҷӯ дода мешавад.

Унвонҷӯ: баромад мекунад

Раис: Иҷозат диҳед, суханро ба муқарризи расмӣ Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди тақриз дода мешавад.

Раис: Ташаккур. Барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм сухан ба унвонҷӯ дода мешавад.

Унвонҷӯ: баромад мекунад

Раис: Бо ҳамин муҳокимаи диссертатсия хотима ёфт. Ба сифати муқарризи ғайрирасмӣ кӣ мехоҳад баромад намояд? Сухан ба Гулмадов Ф., Бозоров х., Солеҳов М., Негматов С.Э., Шербоев С. дода мешавад.

Раис: Ба ҳамаатон ташаккур. Агар каси дигар хоҳиши баромад кардан надошта бошад, сухан барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавӣ ба унвонҷӯ дода мешавад.

Унвонҷӯ: баромад мекунад

Раис: Ташаккур. Акнун ҷиҳати гузаронидани расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ барои ба Мансурзода Н.М. сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба мо зарур аст, ки овоздиҳии пинҳонӣ гузаронем. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Барои эълони натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Латифзода Д.Н. дода мешавад.

Раис: Ба раиси комиссияи ҳисоб оид ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ савол ҳаст? Савол нест. Хоҳишмандам онҳое, ки тарафдори тасдиқ кардани натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ҳастанд, даст бардоранд. Тарафдор? – Ҳама. Муқобил? – Нест. Бетараф? – нест. Бо як овоз қабул гардид.

Ба қабули хулосаи ниҳоии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур мегузарем. Муҳтарам аъзои шуро, дар дасти шумо нусхаи лоиҳаи Хулосаи шурои диссертатсионӣ мавҷуд аст. Марҳамат, чи пешниҳоду эрод доред?

Раис: Аъзои Шуро боз чӣ гуна пешниҳодҳо доранд? Пешниҳод шуд, ки Хулосаи шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти пешниҳоду эроди аъзои шӯро маъқул дониста шавад. Хоҳиш мекунам овоз диҳед.

Иҷозат фармоед Қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Мансурзода Н.М. қироат намоям.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-113 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 20.10. 2026 **ш. Душанбе**

Суханронии Мансурзода Наргиса Мансурро дар мавзуи “Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ: н.и.п. Мансурова Ҷ.С.), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ва Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва социологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон Гулмадов Ф., Бозоров х., Солеҳов М., Негматов С.Э., Шербоев С.-ро шунида ва муҳокима намуда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Мансурзода Наргиса Мансур, инчунин дурустии

навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда:

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Мансурзода Наргиса Мансур дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ-башардӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути адабиёти бачагона дар таълими забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021 №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Мансурзода Наргиса Мансур дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Мансурзода Наргиса Мансур аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Абдуллоева Т.М.**